49035 - Оё ғусли эҳром метавонад ҷойи ғусли ҷанобатро бигирад?

савол

Шахсе дар ҷараёни сафар барои адои ҳаҷ ҷунуб шуд. Вақте ба миқот расид, ҷанобати худро фаромӯш кард ва танҳо барои эҳром ғусл намуд. Сипас тавофи Каъбаро анҷом дод ва дигар маносики ҳаҷро низ дар ҳамин ҳолат ба ҷо овард. Оё ҳаҷҷи ӯ дуруст аст?

Ҷавоби муфассал

Ин масъаларо аз Шайх Ибни Усаймин (Аллоҳ ӯро раҳм кунад) пурсиданд. Ӯ дар посух гуфт:

Ғусле, ки барои эҳром анҷом додааст, ҷойи ғусли ҷанобатро ҳам мегирад, зеро он ғусли шаръӣ ва машрӯъ мебошад, махсусан дар ҳолати фаромӯшӣ. Фақеҳон низ ба ин масъала ишора намуда, гуфтаанд: "Агар шахс ғусли суннатиро ният кунад, он барои ғусли воҷиб низ кофӣ ҳисоб мешавад". Баъзе аз аҳли илм ин ҳукмро ба ҳолати фаромӯшӣ маҳдуд донистаанд. Ҳолати шахси мазкур ба ҳар ду дидгоҳ мувофиқат мекунад ва ғусли ӯ кофӣ ва дуруст ба ҳисоб меравад.

"Фатово"-и Ибни Усаймин 22/373